## Тақризи роҳбари илмӣ

**ба диссертатсияи унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Азимова Сайёра Назриевна дар мавзуи «Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон**

Омӯзиши вижагиҳои маъношиносии лингвистӣ дар намуна аз осор ё асари алоҳида барои нишон додани ҳамбастагии вижагии назариявӣ ва корбурдиву амалии навъҳои маъношиносии лингвистӣ – чи маъношиносии луғавӣ ва чи маъношиносии грамматикӣ шароит фароҳам меорад. Маъношиносии луғавӣ яке аз қисматҳои бунёдии маъношиносии лингвистӣ маҳсуб ёфта, низоми он тавассути маънои луғавӣ танзим мегардад. Вобаста ба ин, мавқеъ, навъ, хусусияти маънои луғавӣ дар он низом муайян мешавад. Мусаллам аст, ки навъҳои маънои луғавӣ дар низоми маъношиносӣ мавқеи меҳварӣ доранд ва пажуҳиши вижагиҳои он дар ин низом метавонад барои муқаррар намудани моҳияти назариявиву амалии маъношиносии луғавӣ саҳмгузор бошад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Сайёра Азимова дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ ва аҳамиятдор дар назарияи забон, алалхусус, дар илми маъношиносии лингвистии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобу фаслҳо тақсим мешаванд. Дар муқаддима муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқиқро таҳлил ва баррасӣ кардааст.

Боби якуми диссертатсия, ки «Хусусияти маъношиносии лингвистӣ» номгузорӣ шудааст, масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзуъро дар бар гирифта, оид ба дараҷаи омӯзиши назариявии маъношиносии лингвистӣ, қабатҳои он ва мақоми маъношиносии луғавӣ дар маъношиносии лингвистӣ маълумот медиҳад. Боби мазкур чор зербобро дар бар гирифтааст ва зербоби аввали он «Омӯзиши назариявии маъношиносии лингвистӣ» ном дошта, андешаҳои донишмандон вобаста ба мавзуъ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ҳамчунин, объекти таҳқиқи маъношиносӣ ва вижагиҳои он нишон дода шудааст. Зербоби дуюм «Мавқеи маъношиносии лингвистӣ дар бахшҳои забон» унвон дошта,

доир ба маъно ҳамчун категорияи бунёдии маъношиносии лингвистӣ сухан меравад. Зербоби сеюм «Типологияи маъно дар маъношиносии лингвистӣ» номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб нишон дода шудааст, ки барои ба низом даровардани маънои воҳидҳои забон дар мутобиқату мувофиқат ҷойгоҳи дилхоҳ маъно тавзеҳ ва муайян мегардад, ки дар натиҷа навъ ё типҳои шарҳи маъно ҷудо мешаванд. Зербоби чорум «Ҷойгоҳи низоми маънои луғавӣ дар маъношиносии лингвистӣ» ном дошта, дар он баҳс перомуни ҷойгоҳ ва мавқеи низоми маънои луғавӣ дар маъношиносии луғавӣ сурат мегирад.

Боби дуюми диссертатсия, «Ифодаи навъҳои маънои луғавӣ дар намунаи «Анвори Суҳайлӣ»» ном дошта, зербоби якуми он – «Маънои луғавии денотативӣ-сигнификативӣ дар «Анвори Суҳайлӣ»» аз чор фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслҳои зербоби аввал вижагиҳои навъи маънои луғавии денотативӣ-сигнификативӣ, мавқеи ҷузъҳои денотативӣ ва сигнификативӣ таносуби ҷузъҳо дар ифодаи маънои луғавӣ бо намунаҳои зиёд аз “Анвори Суҳайлӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ нишон дода шудааст. Зербоби дуюм «Маънои прагматикӣ» ном дорад ва аз се фасл иборат аст. Дар ин зербоб саравввал хусусияти маънои прагматикӣ нишон дода шуда, дар фаслҳо бо мисолҳо маъноҳои коннотативӣ, эҳсосӣ ва услубӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия “«Парадигматикаи луғавӣ ва маъноӣ дар «Анвори Суҳайлӣ» ном дорад ва аз 5 зербоб иборат аст. Дар зербоби якум доир ба маъно ва маънодории калима, дар зербоби дуюм оид ба мавқеи марзи маъноӣ дар парадигматикаи луғавӣ, дар зербоби сеюм вобаста ба гипонимия, дар зербоби чорум дар бораи меронимия ва воҳидвожагӣ ва дар зербоби панҷуми боби сеюм оид ба тақобули маъноӣ дар “Анвори Суҳайлӣ” маълумот дода шудааст. Диссертант дар ду боби диссертатсия вижагиҳои навъҳои маънои луғавиро дар мабнои асари Ҳусайн Воизи Кошифӣ – «Анвори Суҳайлӣ», ки хусусияти луғавӣ-маъноии он ҳанӯз таҳқиқ нашудааст, нишон додааст. Хусусияти дигари диссертатсия дар он аст, ки агар мавзуи таҳқиқ ба яке аз масъалаҳои мубрами илми муосир – маъношиносии лингвистӣ бахшида шуда бошад, мавод ва далел намуна аз осори классикӣ оварда шудааст, ки ин, аз як тараф, мавҷуд будани хусусияти навъҳои маънои луғавиро дар осори классикӣ нишон дода, дар таърихи забони адабии тоҷикӣ, назарияи забон саҳифаи наверо боз мекунад, аз тарафи дигар, хусусияти синхронӣ ва диахронии забонро нишон медиҳад ва, аз паҳлуи дигар, чунин таҳқиқот ҳамчун пул ё васила барои пайвасти назарияи муосир дар амалияи таърихи забони адабӣ дар намунаи забони тоҷикӣ саҳм

мегузорад. Дар диссертатсия дар маҷмуъ 11 нақша ва 2 ҷадвал истифода шудааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои диссертант мушаххассан банд ба банд ҷамъбаст шудааст ва мазмуни ягонаи силсилавии корро инъикос мекунад. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажуҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Муаллиф дар равиши таҳқиқ бо тақвият аз назарияҳои илмӣ вобаста ба маъношиносии лингвистӣ, хелҳои маъно дар маъношиносӣ, хусусияти навъҳои маънои луғавӣ, парадигматикаи луғавӣ-маъноӣ, радабандии мавзуӣ, баррасии мисолҳо, ҷамъоварии теъдоди зиёди мавод барои намуна, навиштани мақола малакаву дониши хешро сарф намудааст.

Бинобар ин, диссертатсияи Азимова Сайёра Назриевна дар мавзуи «Вижагиҳои навъҳои маънои луғавӣ дар маъношиносӣ (дар намунаи «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ)» анҷомёфта буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон арзанда аст ва барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илми филология, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Имзои Ж.Б.Гулназарзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

2-юми октябри соли 2023